**Бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвилро бетағйир нигоҳ дошт**

*Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 14,0 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул кард. Қарори мазкур дар асоси таҳлил ва дурнамои таваррум, таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ва наздик гардидани сатҳи таваррум ба нишондиҳандаи мақсаднок дар давраи миёнамуҳлатбаррасӣ ва қабул гардид.*

Аз аввали соли 2018 сатҳи таваррум тамоюли муътадил дошта, дар моҳи июли соли 2018 бо арзёбии солона ба 2,3 фоиз баробар гардид, ки ба раванди муътадили таваррум омилҳои кӯтоҳмуддати пешниҳод мусоидат намуданд ва дар натиҷа саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ дар таварруми ҳосилшуда бо нишондоди манфӣ(-0,9 б.ф) ташкил дод.Гурӯҳҳои дигари сабади истеъмолӣ начандон тағйир ёфта, дар сатҳи таваррум маҳсулоти хӯрокворӣ (1,9 б.ф) ва хизматрасониҳо (1,3 б.ф) саҳм гузоштанд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, сатҳи таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, муътадил боқӣ монда, ба 1,3 фоиз баробар гардид. Ин нишондод аз маҳдуд будани таъсири омилҳои монетарӣба таваррум вобаста ба татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзӣ гувоҳӣ медиҳад.

Интизор меравад, ки вобаста ба таъсири омилҳои мавсимию муваққатӣ сатҳи таваррум ба ҳудудҳои муқарраршудаи нишондиҳандаи мақсаднок 7,0% (±2 б.ф.)наздик гардида, дар давраи миёнамуҳлат дар сатҳи муътадил қарор мегирад.

Гарчанде сатҳи таваррум то интиҳои сол дар сатҳи нисбатан паст пешбинӣ шуда бошад ҳам, валенисбатан баланд боқӣ мондани сатҳи унсури талабот аз раванди иқтидори худ, тағйирёбии қурбӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва номуайяниҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ эҳтимол фишорҳои таваррумиродар давраи миёнамуҳлат ба вуҷуд оварад.

Вобаста ба афзуданихавфҳои марбутаи берунӣ, таъсири омилҳои мавсимӣ ва болоравии нархи ҷаҳонӣэҳтимолияти тағйирёбии сатҳи таваррум мавҷуд аст. Бо назардошти хусусияти кӯтоҳмуддат доштани омилҳои эҳтимолии таъсиррасон, дар бораи зарурати тағйир додани меъёри бозтамвил ва идома додани сиёсати монетарии пешгирифташуда қарор қабул карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, масъалаи таҷдиди назар намудани меъёри бозтамвилро дар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.

Ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи нақшаи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистонбаргузор гардида, қарорҳои қабулшудадар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон нашр мегарданд.